# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар шароити камзамини ҷумҳурӣ зироатчигии обёришаванда яке аз манбаи асосии озуқаворӣ ба шумор меравад, алалхусус истеҳсоли равғани растанӣ, ки барои таъмини амнияти бехатарӣ аҳамияти муҳим доранд. Истеҳсоли солонаи равғани растании истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ 35 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, дар сурате, ки аҳолии мамлакат ба истеҳсоли 160 ҳазор тонна ниёз дорад.

Бинобар сабаби камшавӣ ва қатъ гардидани воридоти тухмии зироатҳои равғандиҳанда, инчунин кам шудани истеҳсоли тухмии пахта ба миқдори 2,5 маротиба, дар ҷумҳурӣ масъалаи афзун гардонидани истеҳсоли зироатҳои равғандиҳанда, аз қабили чормағзи заминӣ дар кишти ангории заминҳои обӣ ниҳоят зарур аст.

Бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ аз ҷониби унвонҷӯ Бегназаров Д.Б. технологияи парвариши чормағзи заминӣ, дар кишти ангорӣ аз ҷумла муҳлати кишт ва зиччии ниҳолҳо таҳқиқ карда шуд. Барои рӯёнидани ҳосили фаровони дон, равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза, анбуҳи сабз, бедаи серғизо, ҳосилхез гардонидани таркиби хок ва гирифтани 2 ҳосили дон дар як мавсим тавсия дода мешавад: кишти ангории чормағзи заминии навъи маҳалии минтақабобшудаи “Тоҷикӣ-15” дар даҳрӯзаи якуми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га ё 7 дон дар 1 метри тӯлонӣ баъд аз ҷамъоварии ҷавъи “Пӯлодӣ” амалӣ карда шавад.

Муаллиф дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрой дар шароити заминҳои обии минтакаи Ҳисор муҳлати мусоиди кишт ва зичии муътадили

ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия намуд, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбуҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд. Технологияи илман асоснокшудаи парвариши чормағзи заминӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинскийи шаҳри Ҳисор дар майдони 3 га татбиқ карда шудааст.

Автореферати диссертатсия ва маводи чопшуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, кори илмии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Директори Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ, номзади илмҳои кишоварзӣ (ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварӣ) Кароматов Ш. Ш.

Суроға: ноҳияи Рӯдакӣ,
ҷ. Сарикишти, село Махмадшои боло
Контактные телефоны, +992-938 811481
E-mail.: geneticresources.tj@ mail.ru